**BILIM VA MALAKALARNI BAHOLASH AGENTLIGI**

*Bilimingga ishon va muvaffaqiyatga erish!*

BILIM VA MALAKALARNI BAHOLASH AGENTLIGI

**БАРОИ ИШТИРОККУНАНДАГОНИ
ЗИНАИ IV ОЛИМПИАДАИ РЕСПУБЛИКАВӢ
АЗ ФАНҲОИ УМУМИТАЪЛИМӢ ДАР
МАКТАБҲОИ МИЁНА УМУМӢ, ЛИЦЕЙҲОИ АКАДЕМИКӢ
ВА КОЛЛЕҶҲОИ КАСБУ ҲУНАРӢ**

# КИТОБИ СУПОРИШОТИ ТЕСТҲО

**АЗ ФАННИ**

# ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

*Ном ва насаби иштироккунанда* *Имзо*

Bilim va malakalarni baholash agentligi © 2023

Маҷмӯаи тестҳо аз 30 (1-30) супориш иборат аст.
Ба маҷмӯаи тестҳо супоришҳо бо навъи пӯшида ва кушода даровара шудааст. Балл барои ҷавоби дуруст дар ҳар супориши тест инъикос гардидааст.
Дар иҷрои супоришҳои тести пушида ҳатман аз 4 ҷавоби вариант танҳо яктоашро интихоб карда ба варақи ҷавобҳо нависед (A, B, C ё D).
Дар иҷрои супоришҳои тести кушода, бояд ҷавобро дар варақи ҷавоб ба рақами мувофиқи супориши тест пурра нависед.
Барои супоришҳои тестии пушидаи мувофиқатро талабкунанда дар маҷмӯъ шашто (A-F) вариантҳои ҷавоб дода шудааст. Аз он ба се супориш (саволҳои тестии 28, 29, 30) аз дохили ҷавобҳо яктогӣ ҷавоби мувофиқро интихоб намуда, ба вараҷаи ҷавобҳо ишора карда мешавад.

**1.**

[0,9 ball]

Ҳарфҳои **ётбарсар** бо кадом овозҳо ифода меёбанд?

A) *йа, йу, йо, и* B) *йа, йу, йо, йе*
C) *йи, йа, йу, йо* D) *йу, йо, йе, йи*

**2.**

[2,4 ball]

Калимаҳои **ҳаммаънои** ҷумла дар кадом ҷавоб дода шудааст?

*Ин кори гадоёни бекасу кӯй аст ва пешаи одамони сарватманди чанд ҳуҷрадор.*

A) *гадоён – одамон* B) *гадо – сарватманд*
C) *кор – пеша* D) *пеша – гадо*

**3.**

[0,9 ball]

Дар ҷумлаи *“Пирон тадбири бисёр корҳоро медонанд”* кадом ҳиссаи нутқ ба **исм** гузаштааст?

A) *сифат* B) *зарф* C) *ҷонишин*
D) *шумора*

**4.**

[2,4 ball]

Дар кадоме аз ин ҷавобҳо **феъли ҳол** дода шудааст?

A) *хандида, ғуросзанон, давон-давон, бозикунон*

B) *дари пӯшида, давон-давон, хандида*

C) *ҷои мерафтагӣ, ғурросзанон, бозикунон*

D) *дари пӯшида, шахси гӯянда, ҷои мерафтагӣ*

**5.**

[1,7 ball]

Кадоме аз ин ибораҳо ба ибораҳои **зарфӣ** мансуб аст?

A) *бо дӯстон омадан, ба тамошо рафтан, баланд хандидан*

B) *ду нафар аз бинокорон, яке аз муаллимон, аз боло дуюм*

C) *ниҳоят барвақт, даҳ маротиба кам, хеле оромона*

D) *пур аз об, доимо ғамгин, пири хирадманд*

**6.**

[0,9 ball]

Дар ҷумлаи *“Нахустфарзанди падару модарам ман мебошам”* кадом ҳиссаи нутқ ба вазифаи **хабар** омадааст?

A) *зарф* B) *сифат* C) *шумора*
D) *ҷонишин*

**7.**

[0,9 ball]

Соли 1959 нависандаи маъруф Ҷалол Икромӣ якҷоя бо шоир Нодир Шанбезода кадом **китоби халқиро** дар асоси чопи Эрон бо ҳуруфи кириллӣ таҳия намудаанд?

A) *“Самаки айёр”* B) *“Калила ва Димна”*
C) *“Чор дарвеш”* D) *“Ҳазору як шаб”*

**8.**

[0,9 ball]

*“Асар аз ҳикоятҳои хурд-хурди пурмазмун иборат аст. Шоир воқеаҳои дида ва ё шунидаашро, ки ибратомӯзанд, ба риштаи тасвир кашида, дар шакли ҳикоят ва шеър овардааст.”*

Сухан дар бораи кадом **асар** рафтааст?

A) *“Сафарнома”* B) *“Бӯстон”*
C) *“Гулистон”* D) *“Маснавии маънавӣ”*

**9.**

[2,4 ball]

Кадоме аз ин **асарҳо** ба қалами Камолиддин Биноӣ мансубанд?

A) *“Беҳрӯзу Баҳром”, “Шайбонинома”, “Футуҳоти хонӣ”*

B) *“Сифотул-ошиқин”, “Тӯҳфаи дӯстон”, “Футуҳоти хонӣ”*

C) *Беҳрӯзу Баҳром”, “Шайбонинома”, “Лайлӣ ва Маҷнун”*

D) *“Сифотул-ошиқин”, “Лайлӣ ва Маҷнун”, “Шоҳу Дарвеш”*

**10.**

[0,9 ball]

Тазкираи **Садриддин Айниро** муайян кунед.

A) *“Намунаи адабиёти тоҷик”*

B) *“Рисолаи таърихӣ”*

C) *“Гулдастаи Самарқанд”*

D) *“Маҷолис-ун-нафоис”*

**11.**

[2,4 ball]

Маснавиҳои *“Ваҷҳи дин”, “Зод-ул-мусофирин”, “Гузориш ва раҳоиш”, “Хон-ул-ихвон”* ба қалами кадоме аз ин **шоирон** мансуб аст?

A) *Низомии Ганҷавӣ* B) *Умари Хайём*
C) *Носири Хисрав*
D) *Унсурулмолии Кайковус*

**12.**

[2,4 ball]

Кадоме аз ин **шоирон** дар ҳузури Навоӣ байти аввали ғазали худро, ки ба тариқи зерин аст:

*Чунон аз по фиканд, имрӯзам он рафтору қомат ҳам,*
*Ки фардо барнахезам, балки фардои қиёмат ҳам.*

хонда буд?

A) *Камолиддин Биноӣ*

B) *Бадриддин Ҳилолӣ*

C) *Абдураҳмони Мушфиқӣ*

D) *Абдураҳмони Ҷомӣ*

**13.**

[0,9 ball]

Кадоме аз ин **асарҳо** ба қалами Аҳмади Дониш тааллуқ дорад?

A) *“Бадоеъ-ус-саноеъ”*
B) *“Бадоеъ-ул-вақоеъ”*
C) *“Наводир-ул-вақоеъ”*
D) *“Наводирул-амсол”*

**14.**

[0,9 ball]

**Достони** *“Мардистон”* ба қалами кадоме аз ин шоирон мансуб аст?

A) *Мирзо Турсунзода*

B) *Абулқосим Лоҳутӣ*

C) *Садриддин Айнӣ*

D) *Пайрав Сулаймонӣ*

**15.**

[0,9 ball]

**Асари** “Қутадғу билиг” аз тарафи кадоме аз ин шоирон навишта шудааст?

A) *Маҳмуд Қошғарӣ*

B) *Юсуф Хос Ҳоҷиб*

C) *Аҳмад Яссавӣ*

D) *Адиб Аҳмади Югнакӣ*

**16.**

[2,4 ball]

Уткур Ҳошимов дар кадом **асараш** заҳмати кори нависандагиро *“Мӯъҷизаи ҳаштум”* ном ниҳодааст, муайян кунед.

A) *“Навиштаҳо дар ҳошияи дафтар”*

B) *“Ба дилат гӯш дор”*

C) *“Байни ду дар”*

D) *“Шамол вазидан мегирад”*

**17.**

[1,7 ball]

**Асари** *“Фауст”* ба қалами кадоме аз ин шоирон мансуб аст, муайян кунед?

A) *Сергей Есенин*

B) *Байрон*

C) *Александр Пушкин*

D) *Иоҳҳан Волфганг Гёте*

**18.**

[1,7 ball]

Ҷузъҳои ҷонишинҳои **таркибӣ** чӣ гуна навишта мешавад?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**19.**

[2,4 ball]

Аъзоҳои туфайлӣ аз дигар аъзоҳои ҷумла дар навишт бо кадом **аломати китобат** ҷудо карда мешавад?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**20.**

[1,7 ball]

Калимаҳои *арчазор, ҳамном, ҳамроҳ, коргар, гулдон* аз **ҷаҳати сохт** чӣ гуна калимаҳоянд?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**21.**

[2,4 ball]

Мақола, рисола ва китобҳои дарсӣ дар кадом **услуби забон** навишта мешавад?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**22.**

[1,7 ball]

Ҳиссачаҳои ҳа(ҳо), бале, оре, хуб(хӯш), хайр ба **кадом хели** ҳиссачаҳо мансубанд?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**23.**

[0,9 ball]

Он ҳиссаи калима, ки **маънои асосӣ** дар он аст ва ба ҷузъҳо тақсим намешаванд, чӣ ном дорад?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**24.**

[1,7 ball]

Зарфҳои худ аз худ, сол то сол, рӯ ба рӯ, як ба як, хоҳу нохоҳ аз **ҷиҳати сохт** ба кадом хели зарф мансубанд?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**25.**

[2,4 ball]

Ҷумлаи *“Дирӯз аз модаркалонам хабар гирифтам”* ба кадом гурӯҳи ҷумлаи **соддаи яктаркиба** мансуб аст?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**26.**

[2,4 ball]

Дар ҷумлаи мураккаби “Сурайё, мисли он ки зарбаи сахте хӯрда бошад, беҳол шуда ба рӯйи кундаи дарахте нишаста монд” кадом хели **ҷумлаи пайрави ҳол** оварда шудааст?

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**27.**

[1,7 ball]

*Нокарда гунаҳ дар ин ҷаҳон кист? Бигӯй!*
*В-он кас, ки гунаҳ накард, чун зист? Бигӯй!*
*Ман бад кунаму ту бад мукофот диҳӣ,*
*Пас фарқ миёни ману ту чист? Бигӯй!*

**Жанри** шеъриро муайян кунед.

Ҷавоб: ____________________

**Диққат!** Ҷавобатонро ба варақаи ҷавобҳо нависед.

**28-30.**

**Аз маълумотҳои ҷадвал истифода бурда, ба супоришҳои тестии 28-30 аз дохили ҷавобҳо (A-F) ҷавоби мувофиқро интихоб намоед (ба ҳар як супориш якто ҷавоби мувофиқ рост меояд).**

| Супоришҳо | Маълумотҳо |
|---|---|
| **28.** `[1,7 ball]` Дар кадом ҷумла ба хатои **имлоӣ** роҳ дода шудааст? | A) Агар дар сари шумо шавқу ҳаваси тамошои аҷоиботи кӯҳсор бошад, ваҳму ҳаросро ба дили худ роҳ надиҳед. |
| **29.** `[1,7 ball]` Дар кадом ҷумла **бандак** нодуруст истифода шудааст? | B) Баҳринисо ба корравӣ розӣ шуд, ба шарте ки ба корхона ӯро Муҳабатхон худаш бараду кор ёд диҳад. |
| **30.** `[1,7 ball]` Дар кадом ҷумла **калимаҳо** нодуруст кор фармуда шудааст? | C) Агар шумо дар нимрӯзӣ ба лаби ин ҷӯйча оед, аз тамошояш дил канда наметавонед. |
| | D) Ман, раиси мӯҳтарам, ба шарте аввалин шуда ба музокира мебароид, ки ба гуфтани суханҳои ногуфта мондаам рухсат диҳед. |
| | E) Чун бо чашми дақиқ бар онҳо фурӯ равед, чизи тозае намеёбед. |
| | F) Агар аз хатар фаромӯш накарда бошед, он коғаз ба рӯйи пурчини мактабдор ҳамрангӣ дошт. |